# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

академик М.С. Имомзода ба рисолаи илмии унвонҷӯ Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзӯи “Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)”

Миралиева Сарварбӣ Толибовна соли 1993 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро бо ихтисоси “Филолог. Муаллими забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст. Вай соли 2019 ба сифати унвонҷӯ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, айни замон дар вазифаи муаллими калони кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаъолият дорад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия С.Т. Миралиева худро ба сифати унвонҷӯи кӯшо, ҷӯянда, уҳдабаро ва огоҳ аз масъалаҳои назарии адабиётшиносии тоҷик, равишҳои таҳқиқии роиҷ дар адабпажӯҳии муосир, таърих ва назарияи адабиёт, бадеиёти каломи адабӣ муаррифӣ карда тавонист. Бо боварӣ метавон гуфт, ки вай ба дараҷаи мутахассиси соҳаи адабпажӯҳӣ таҷриба андӯхта, ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷоми кори илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии С.Т. Миралиева таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба мавзӯи “Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода” мебошад, ки бо мақсади ошкор кардани ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии шоир сурат гирифтааст. Дар рисола мабоҳиси мушаххас дар қолаби се боб, ки ҳар кадом ба бахшҳо табақабандӣ шудаанд, бо истифода аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ таҳқиқ шудааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия асоснок буда, саҳеҳияти асосҳои назарии дар рисола пешниҳодшударо таъйид мекунад. Унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсияаш чор мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп кардааст, ки шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Навоварии таҳқиқоти С.Т. Миралиева дар он зоҳир мешавад, ки дар рисолаи ӯ нахустин маротиба дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаи лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода ба таври монографӣ таҳқиқ шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда дар такя ба дастовардҳои навини назарию амалии шинохт ва таҳлили каломи ҳунарӣ, ки дар асарҳои илмӣ-назарии мавҷуд дар ҳавзаҳои адабпажӯҳии кишварҳои шарқию ғарбӣ ба мушоҳида мерасад, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳҳои бадастома ва маводи таҳқиқ ҷанбаҳои назарии омӯзиши мавзӯи мавриди назарро, ки ҳам дар адабиёти гузашта ва ҳам муосири тоҷик паҳнои

васеи ифода дорад, тақвият бахшида, паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро такмил намуда, дар таъйини вижагиҳои лирикаи иҷтимоии адибони ҷудогона аз нигоҳи ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ мусоидат карда метавонад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқро амалан метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба мабоҳиси диссертатсия, ки дар таҳқиқоти ҳамгун пеш омаданаш мумкин аст, дар мавриди таҳқиқи дигар паҳлӯҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода, таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти муосири тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳамияти назарию амалӣ мебошад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоям.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, академики АМИТ М. С. Имомзода

Имзои М. С. Имомзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ВМИ ҶТ Расулзода Ф.

«26» апрели соли 2021